# ПРОТОКОЛИ №3

14 январи с. 2021 ш. Душанбе

Иштирок карданд: аз 17 нафар аъзои шӯрои диссертатсионӣ, ки бо фармони КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 феврали соли 2020, №28 тасдиқ шудааст, 13 нафар иштирок доштанд, аз онҳо 6 докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Таклиф пешниҳод шуд, ки шӯрои диссертатсионӣ кушода шавад, дигар таклифҳо нест? Нест. Якдилона қабул шуд.

## РӮЗНОМА:

Ба ҳимоя қабул намудани диссертатсияи Калонзода Фаридун Иброҳимпур дар мавзӯи "Масъалаи ҳаракат, фазо ва вақт дар таълимоти фалсафии Ибни Сино" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа, аз рӯи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа.

Раиси комиссияи ташхисӣ доктори илмҳои фалсафа, профессор Саид Н.С., аъзои комиссияи ташхисӣ доктори илмҳои фалсафа, профессор Содиқӣ Н.Н., доктори илмҳои фалсафа, профессор Назариев Р.З. баромад намуданд (Хулосаи комиссияи ташхисӣ пешниҳод шудааст).

## ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Калонзода Фаридун Иброҳимпур дар мавзӯи "Масъалаи ҳаракат, фазо ва вақт дар таълимоти фалсафии Ибни Сино" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа, аз рӯи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа ба ҳимоя қабул карда шавад.
2. Муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:

-доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи ак. М. Осимӣ- Раҳимов М.Ҳ.

-номзади илмҳои фалсафа, дотсент, мудири кафедраи методикаи таълими фанни забони фаронсавӣ Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ – Султонзода С. А.

3. Муассисаи пешбар таъйин карда шавад: Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АМИТ, шуъбаи синошиносӣ.
4. Барои ҷой додани эълон дар бораи ҳимоя ба сайти ДМТ, сайти КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва интишори автореферат ба миқдори 100 нусха иҷозат дода шавад.
5. Рӯзи ҳимоя 29 апрели соли 2021 таъйин карда шавад.

Қарор қабул шуд: якдилона.

Раиси шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои фалсафа, профессор Ахмедов С.

Котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои фалсафа, дотсент Муминов А.И.